**DOI:** https://doi.org/10.5281/zenodo.11120105

# САҲМИ БОЛТА ОРТИҚОВ ДАР ИНКИШОФИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

**Олибоиён Таҳминаи Изатулла**
Донишҷӯи донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур оид ба фаъолияти илмӣ ва саҳми устод Болта Ортиқов дар инкишофи адабиёти бачагона ва аҳамияти тарбиявии асарҳои барои насли наврас эҷод кардаи ӯ сухан меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *Адабиёти бачагона, Болта Ортиқов, асари бадеӣ, синфҳои ибтидоӣ, хониши ифоданок, ҳикоя, жанрҳои хурд.*

# BOLTA ORTIKOV'S CONTRIBUTION TO THE DEVELOPMENT OF TAJIK CHILDREN'S LITERATURE

***Annotation:*** *This article discusses the scientific activity and contribution of Master Bolta Ortikov in the development of children's literature and the educational importance of his works for the younger generation.*

***Keywords:*** *Children's literature, Bolta Ortikov, fiction, primary classes, expressive reading, story, small genres.*

Истиқлолият неъмати бузург аст, ки барои рушду нумӯъи соҳаҳои гуногуни ҷамъият имконоти васеъ фароҳам овард. Маҳз дар ҳамин давр ҷабҳаҳои гуногуни ҷомеа рӯ ба рушд оварданд, ки соҳаи таълим аз ин зумра ба шумор меравад. Дар ин замон, ки дар сарзаминамон нафаси истиқлолият ҳукмфармо аст, дар соҳаи таълим навигониҳои ҷиддӣ ба вуқӯъ пайваст ва як қатор қонуну қоида ва қарорҳо қабул гардиданд. Дар асоси ин навгониҳо омӯзиши адабиёти мумтоз ва адабиёти давраи истиқлолу адабиёти халқҳои ҷаҳон хуб ба роҳ монда шуд. Намояндагони миллатҳои мухталиф, ки маскуни ин сарзаминанд, баробаронаву бародарона умр ба сар мебаранд ва барои таълим гирифтан ҳуқуқу маҷбуриятҳои муайян доранд. Дар ин самт ҳатто бо забони модарии худ эҷод кардани онҳо тамоми шароитҳо муҳайё шудаанд, ки адабиёти ин миллатҳо низ бевосита рушду нумӯъ доранд. Дар шароити тараққиёти тезсурати илму техникаи замонавӣ, дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, таърихию фарҳангӣ ва илмию адабӣ дар тамоми соҳаҳо тағйиротҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Аз ин лиҳоз дар ҷабҳаи таълиму

тадрис низ дигаргуниҳои сифатӣ, шаклӣ ва мазмунӣ ба миён омаданд, ки да асоси онҳо тарзи таълими ин ё он фан низ аз нигоҳи имрӯз таҷдиди назар мехоҳад. Тараққиёти соҳаи техника ва илму маданияту фан тақозо менамояд, ки дар ҷодаи таълиму тадрис низ тозагиҳо, падидаҳои нав, ислоҳоту навигариҳо ворид гардад. Дар солҳои Истиқлолияти миллӣ дар қатори дигар соҳаҳои илму фарҳангу маданият дар ҷодаи таълим низ чунин навигариҳо падид омадаанд. Мутаассифона барои муаллимони мактабҳои таълимашон забони тоҷикӣ, донишҷӯёни бахшҳои филологӣ баъзе сифатҳои нави тарзи таълим, ислоҳотҳо ва падидаҳои тоза ҳамчун васоити таълим ва дастуруламалҳои зарурӣ дастрас нест.

Адабиёти кӯдакони форс-тоҷик ба мисли адабиёти он таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Авесто китоби динӣ буд, вале дар қадим баъзе бахшҳои он ба кӯдакон омӯзонда мешуд. Баъзе андарзномаҳои адабиёти паҳлавӣ (форсии миёна), масалан, «Андарзи кӯдакон», «Хусрави Қубодон ва ридаки ӯ» барои тарбияи кӯдакон навишта шудаанд. Каҳрамони достони «Ёдгори Зарирон» Баставри наврас мебошад, ки пас аз кушта шудани падар ба муқобили душманон мубориза мебарад ва қаҳрамониҳо нишон медиҳад.

Як қисми осори классикони адабиёти форс-тоҷик, ки ба масъалаҳои тарбияи ахлоқи ҳамида бахшида шудаанд, дар шакли насиҳатнома таълиф ёфтаанд. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» («Насиҳатнома»)-аш, ки яке аз асарҳои пурарзиши насри дидактикист, зимни насиҳати фарзанди худ бисёр масъалаҳои вобаста ба одобу ахлоқ, илму дониш, одоби муошират, муносибатҳои оилавӣ ва ғайраро ба миён гузоштааст. Чунин насиҳатномаҳои падар ба фарзанд дар адабиёти классикии мо зиёданд («Насиҳат ба фарзанди худ Муҳаммад»-и Низомии Ганҷавӣ, «Панд ба фарзанди арҷманд»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Дар насиҳати фарзанди арҷманд»-и Шамсиддин Шоҳин ва ғайра), инчунин «Пандннома»-и Фаридуддини Аттор, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ, «Муш ва Гурба»-и Убайди Зоконӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Баҳориёт»-и Сайидо ва ғайра гарчанде дар асл барои бачагон навишта нашудаанд, вале ба сабаби мазмуну мундариҷа, сужети ҷолиб ба бачагон низ писанд меомаданд.

Устод Айнӣ чун асосгузори адабиёти бачагони шӯравии тоҷик дар навиштану тартиб додани китобҳои дарсӣ ва офаридани асарҳои бадеӣ барои бачагон хидмати арзандае кардааст. Ӯ дастовардҳои ғании адабиёти хаттию шифоҳии халқи тоҷик ва таҷрибаи ғании адабиёти русу халқҳои собиқ шӯравӣ ва ҷаҳониро ба ҳам омезиш дода, «Хонадони хушбахт», «Таҳзиб-ус-сибён» (1910), «Қизбола ё ки Холида» (1924), «Аҳмади девбанд» (1928), «Мактаби куҳна» (1934), «Ятим» (1939) барин асарҳо навишта, бачагонро дар рӯҳи

нотарсию далерӣ, ҷавонмардӣ, садоқат ба халқу ватан, илму ҳунаромӯзӣ, накӯкорӣ ва ғайра тарбия кардааст. Устод Лоҳутӣ низ дар ташаккулу инкишофи назми бачагон хидмати арзандае дорад ва аксар шеърҳояш сурудҳои атфоли тоҷикӣ шудаанд. Пайрав, А. Ҳамдӣ, М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ, Ҷ. Суҳайлӣ, Б. Азизӣ, М. Аминзода, Н. Шерзода, Ҳ. Карим, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, Б. Раҳимзода, Ф. Ниёзӣ, П. Толис, А. Шукӯҳӣ, М. Фарҳат, Ф. Ансорӣ, Б. Ҳоҷӣ, У. Раҷаб, А. Сидқӣ, А. Баҳорӣ, А. Шарифӣ, Б. Ортиқов, Озод Аминзода, М. Ҳакимова, Нӯъмон Розиқ ва дигарон ба воситаи осори худ ва тарҷумаи беҳтарин асарҳои кӯдакони русу халқҳои собиқ шӯравӣ ва ҷаҳонӣ дар рушду камол ва инкишофи адабиёти бачагони тоҷик саҳми бориз гузоштаанд. Шеъру суруд, тарона ва достонҳои сершумори М. Миршакар («Мо аз Помир омадем», «Неъмат», «Федка», «Бачагони Ҳиндустон» ва ғайра) аз дӯстдоштатарин асарҳои бачагони мо буда, дар ташаккулу инкишофи адабиёти бачагони тоҷик таъсири зиёд расондаанд. Охири солҳои 50 ва аввали солҳои 60 садаи XX чун дар тамоми адабиёти калонсолони шӯравии собиқ ва адабиёти тоҷикӣ гардиш ё давраи тоза дар адабиёти кӯдак маҳсуб мешавад. Ин солҳо давраи мубориза дар роҳи даст кашидан аз умумигӯии безоркунанда, осори берӯҳу забонзаду такрори маҳз ва рӯ овардан ба мушаххасгӯиву муассирнависӣ, ба сӯи хаёлангезӣ, латофату назокат ва равонию поккорӣ дар забону тарзи баён аст..

Дар адабиёти бачагон баробари инкишофи шеъру достон ва ҳикояю афсона ба воситаи асарҳо, ҳикоёти Б. Ортиқов («Таътил», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор», «Қиссаи мӯмиё», «Дурдонаҳои Зарафшон» ва ғайра) ба жанри дӯстдоштаи бачагон мубаддал шуд.

Болта Ортиқзода яке аз нависандагони соҳибистеъдоди бачаҳо ба шумор меравад. Ӯ дар деҳаи қадима ва машҳури Боғи майдони шаҳри Самарқанд дар оилаи косиби мӯзадӯз таваллуд шудааст. Солҳои бачагии ӯ дар зодгоҳаш гузашта, ӯ ҳанӯз аз овони бачагӣ дар боғу токзорҳои деҳа бо корҳои боғбониву соҳибкорӣ машғул шуда, дар оғӯши табиат ба воя расидааст.

Болта Ортиқзода соли 1952 Дорулмуаллимини тоҷикии Самарқандро хатм карда, дар мактабҳои Тоҷикистон омӯзгорӣ мекунад ва нахустин фаъолияти эҷодии ӯ низ дар ҳамон солҳо сар зада, аввалин ҳикояҳояш дар рӯзнома ва маҷаллаҳои бачагон ба табъ мерасанд.

Минбаъд ӯ ба маҷаллаи бачагону наврасон «Пионер» (ҳоло «Машъал») ҳамчун мудири шӯъба ба кор даъват карда мешавад, сонӣ дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» мухбири махсус шуда кор мекунад.

Фаъолияти эҷодии Болта Ортиқзода соли 1953 бо навиштани ҳикояҳо барои бачагон оғоз ёфта, минбаъд вай бо қиссаҳои худ низ шӯҳрат пайдо мекунад.

Б. Ортиқзода муаллифи беш аз 40 китоб, аз ҷумла маҷмӯаҳои «Ҷиянҳои қишлоқиям», «Конфет», «Ба калонкардат раҳмат», «Себи орухӯр», «Мактуби секунҷа», «Дандони тилло», қиссаҳои «Таътил», «Полвон», «Гули садбарг», «Бачаҳои Лолазор», «Доғи хун», «Ғори ошиқон», «Ҳирси дунё», «Достони Самарқанд», «Чаҳор ҳикоят», «Писари Афандӣ» ва ғайра мебошад.

Дар ҳикоя ва қиссаҳои Болта Ортиқзода хислатҳои ба худ хоси бачагони диёр, меҳнатдӯстӣ, аҳду вафо, саҳифаҳои ноаёни таърихи Ватан, асрори Самарқанди куҳан ва хислатҳои наҷиби мардуми он, муносибати инсон бо табиат бо забон ва услуби хоса тасвир ёфтааast»[1].

Болта Ортиқзода аз соли 1960 аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Ӯ соли 1999 ба зодгоҳи худ Самарқанд баргашта, бо кори эҷодӣ машғул шуд ва соли 2001 аз олам чашм пӯшид.

Болта Ортиқзода асарҳояшро бештар барои насли наврас эҷод кардааст ва дар ин ҷода адибони тоҷик Пӯлод Толис, Мирсаид Миршакар, адибони рус Николай Носов, Сергей Михалковро устодони худ донистааст. Ӯ хислат ва олами ботинии бачаҳоро чунон омӯхтааст, ки ҳар як асари барои бачагону наврасон навиштаи ӯ барои хонандагонаш хеле хуш меоянд. Бесабаб нест, ки адиби маҳбуби бачаҳо Убайд Раҷаб дар сарсухани барои «Мунтахабот»-и Болта Ортиқзода навиштааш ӯро «дӯсти бачаҳо» номидааст[2].

Эҷодиёти Болта Ортиқзода кайҳост, ки диққати адибону мунаққидонро ба худ кашида, дар бораи ӯ дар адабиётҳои илмӣ ва китобҳои дарсии мактабҳои миёнаву олӣ маълумотҳои ҷолиби диққат дода шудаанд ва асарҳояш омӯхта мешаванд.[3]

Дарвоқеъ ҳам ҳикоя ва қиссаҳои сершумори ин нависанда барои ҳидояти бачагон ба илм, касбу ҳунар, дӯстию рафоқат ва парҳез аз ҳавобаландӣ, дурӯғгӯӣ, коргурезӣ, хиёнат ба дӯст, майзадагӣ ва амсоли онҳо каму беш ёрмандӣ кардаанд. Муаллифи ин гуна асарҳо танҳо дӯсти бачагон набуда, балки дӯсти падару модарон ва мураббию муаллимони онҳо низ ба шумор меравад. Зеро ӯ бо офаридаҳои худ дар кори умумии таълиму тарбияи насли наврас ба онҳо аз наздик кӯмак мерасонад.

Муҳаққиқи адабиёти бачагон Раҷаб Амонов дар бораи эҷодиёти Болта Ортиқзода мулоҳиза ронда, аз ҷумлла чунин менависад:

«Баъзе ҳикояҳои Б. Ортиқов маълумоти илмиро дар бар кардаанд. Рустами ӯ - қаҳрамони ҳикояи «Сӯзани пӯлодин» дар асоси гуфти муаллим ва аз рӯи

---

[1] Адабиёт, китоби дарсӣ барои синфи 5, 267

[2] Нигаред: Б. Ортиқзода, Мунтахабот, Нашриёти «Адиб», Душанбе, 1990, саҳ. 3.

[3] А. Қамарзода, Адабиёт, китоби дарсӣ барои синфи 5, Сартаҳририяти ширкати саҳҳоми табъу нашри «Шарқ», Тошканд, 2005, саҳ. 246-256: С. Саъдиев, А. Самадов, Адабиёт, китоби дарсӣ барои синфи 6, Сартаҳририяти ширкати саҳҳоми табъу нашри «Шарқ», Тошканд, 2005, саҳ. 144-151.

китоби дарсӣ таҷриба гузаронида, нишон медиҳад, ки сӯзани пӯлод метавонад нағӯтида, дар об шино кунад. Дар ҳикоя сабаби ин воқеа боварибахш маънидод шудааст ва баҳси бачагон дар ин хусус шавқангез нақл гардидааст».[1]

Муаллифони китоби дарсии адабиёт барои синфи 10 С.Саъдиев ва А. Самадов низ асарҳои Болта Ортиқзода «Таътил», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор», «Қиссаи мӯмиё» ва «Дурдонаҳои Зарафшон»-ро ба қатори повестҳои ҷолиби диққати барои бачаҳо навишташуда дохил кардаанд, ки ҳақ ба ҷониби онҳост.[2]

Адиби хушбаён ва сермаҳсул Болта Ортиқзода дар байни онҳо мақому манзалати ҷудогонаро соҳиб аст.  Асарҳои ӯ шавқовару ҳаётианд. Адиб дар тасвири образҳо ва рафтору хислатҳои хоси онҳо моҳирона қалам меронад ва ин хислатҳо дар ёди хонанда  дер вақт нақш мебанданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки омӯхтани асарҳои адибони классик ва муосири тоҷик, таъсири адибони  ӯзбеку рус ва дигар халқҳо ба эҷоди асарҳои нав ба нави Болта Ортиқзода сабаб гардидаанд. Ба туфайли нашр гардидани асарҳои сершумораш хонандагон имконият пайдо кардаанд, ки дар бораи эҷодиёти ин адиби соҳибистеъдод таассуроти бой пайдо кунанд. Асарҳои адиб бештар ба ҳаёти бачагон бахшида шуда, дар онҳо табиати дилрабои деҳот, амалиёт, хониш, характер ва психологияи бачагон барҷаста ифода ёфтааст.

Ҳамин гуна фикру мулоҳизаҳо оиди эҷодиёти ин адиб дар китоби дарсии «Адабиёт» барои синфи У1 низ ифода ёфтааст, ки мо ҷонибдорӣ менамоем: «Болта Ортиқзода асарҳояшро бештар барои насли наврас эҷод кардааст. Шоир Убайд Раҷаб дар сарсухане, ки барои мунтахаботи нависанда навиштааст, вайро «дӯсти бачаҳо» номида буд, ки ҳақ асту рост. Охир, ҳикоя, қиссаҳои сершумори ӯ барои ҳидояти бачагон ба илм, касбу ҳунар, дӯстию рафоқат ва парҳез аз ҳавобаландӣ, дурӯғгӯӣ, коргурезӣ, хиёнат ба дӯст, майзадагӣ ва амсоли онҳо каму андак ёрмандӣ накардаанд! Муаллифи ин гуна асарҳо, ғолибан, фақат дӯсти бачагон нест, балки дӯсти падару модарон ва мураббию муаллимони онҳо низ ба шумор меравад, чаро ки бо офаридаҳои худ дар кори умумии таълиму тарбияи насли наврас ба онҳо аз наздик кӯмак мерасонад[3].

Ин бесабаб нест, албатта. Зеро азбаски адиб чандин солҳо дар мактабҳои деҳот муаллимӣ намудаасту бештар бо бачагон сару кор дошт, худро ба кор ва амалиёти онҳо шарик медонад, онҳоро дӯст медорад, аз ин сабаб ҳам ҳикояҳои дар мавзӯи ҳаёти бачаҳои деҳот навиштаи ӯ хеле самимӣ ва хонданианд.

---

[1] Раҷаб Амонов, Адабиёт ва бачагон. –Душанбе: Ирфон,1981, саҳ. 191.

[2] С. Саъдиев, А. Самадов. Адабиёт,  китоби дарсӣ  барои синфи 10. –Тошканд: Хонаи  эҷодии табъу нашри «Ўзбекистон», 2005, саҳ. 132.

[3] Саъдиев С., Самадов А. Адабиёт. Китоби дарсӣ барои синфи VI мактабҳои таълими ҳамагонӣ. – Тошкент: Шарқ, 2005, саҳ.167.

Болта Ортиқзода ҳамчун адиби бачагон сюжети бештарини асарҳояшро аз ҳаёти хурдтаракон интихоб намудааст. Дар ҳикояву повестҳояш масъалаҳои гуногун: ҳаёти бачагон, мактаб, табиати диёр, ҳаёти муаллимону хонандагон, равиши таътилу таҳсили мактабиён аз мавзӯъҳои асосӣ ва доимии нависанда ба шумор меравaнд.

Ҳикояҳои адиб ҳусну одоб ва рафтори зебандаи наврасонро тарғиб мекунанд, чӣ будани некӣ ва накӯкориро маънидод менамоянд, фазилати беҳамтои дӯстӣ, аз ҷумла дӯстии беғаразонаро таъкид месозанд. Нависанда дар бораи накӯкории калонсолон, ғамхориҳои онҳо дар ҳаққи якдигар нақл намуда, ба бачагон роҳи дурусти зиндагиро нишон медиҳад, корҳои нодурусти бачагонро ба зери танқид гирифта, образи бачагони танбалу коргурез, худбину худнамо, аз айби худ бехабару ҷӯяндаи айби дигаронро ба вуҷуд меорад. Масалан, дар вақти таътил сирри Маҳмуди хабаркашу айбҷӯ (аз ҳикояи «Маҳмуд») ва дар вақти дарс сирри Мирзо Танбал, ки ба укояш ҷои аломатҳои китобатро ёд дода буд, ошкор мешавад (аз ҳикояи «Супориши хонагӣ»).

Болта Ортиқзода аз корҳои бачагони кунҷков, ҷӯянда ва эҷодкор ҳикоя кардааст, нақли ӯ ҷо-ҷо бо ҳазли ширину намакин пайваста баён шудаанд. Умуман, феълу атвор, шӯхиҳо ва ҷӯшу хурӯши бачагон, яъне баъзе ҷиҳатҳои хислати онҳо дар асарҳои ӯ ҳунармандона тасвир шудаанд.

Дар эҷодиёти Болта Ортиқзода тарғиби илму дониш ба воситаи образҳои бадеӣ ва нақлҳои дилнишин мавқеи намоёнеро ишғол менамояд. Қаҳрамонҳои ӯ шавқманди дониш, кунҷков ва серҳаракатанд, онҳо мехоҳанд, ки аз паҳлӯҳо ва ҷузъиёти илмҳои гуногун бохабар бошанд, сирри табиат, таърихи кишвар, ҷуғрофия ва муҳити зисти худро ҳар чӣ бештар донанд. Нависанда дар тадқиқи бадеии ин мавзӯъҳо чун олими ҳамадон намоён мегардад ва бо тасвири бадеию нақлҳои дилчасп дониши хонандагони худро дар соҳаи таърих, зистшиносӣ, боғу боғдорӣ ва монанди инҳо зина ба зина афзоиш мебахшад.

Ҳамин тавр, Болта Ортиқзодаро хонандагони тоҷик бо ҳикоя ва повестҳои дилнишину таъсирбахшаш хуб мешиносанд ва дӯст медоранд. Ҳикоя ва повестҳои ӯ аз ҳаёти мактаббачагон гирифта шуда, дар онҳо нозукиҳои рӯҳияи хонандагон нисбат ба ҳаёт нишон дода мешавад. Чи тавре таъкид шуд, адиб асосан нависандаи бачагон буда, сюжети бештарини асарҳояш аз ҳаёти хурдтаракон гирифта шудааст. Асарҳои нависандаро на фақат бачагони тоҷик медонанд ва мехонанд, балки бачагони халқҳои дигар низ бо шавқ мутолиа менамоянд.

Болта Ортиқов бо таълифоти осори бебаҳояш тавонист барои тарбияи насли наврас, барои ба тадриҷ камолоти маънавӣ дарёфтани онҳо, барои ба қадри меҳнати ҳалол расидани онҳо, барои равнақи муҳаббати онҳо нисбат ба падару

модар, барои шинохти мақоми хеш дар ҷомеа таъсири амиқи равонӣ гузорад. Ҷойи таъкид аст, ки ин асарҳо то ба имрӯз китоби рӯимизии хонандагони тоҷик мебошанд ва рисолати бузурги хешро адо менамоянд. Дар ҳикояҳои мазкур на танҳо ахлоқу маънавият, балки муҳимтарин ҷузъиёти таърихи рӯзгори тоҷикон бо тамоми нозукиҳояш ба ҷилва омадааст. Ҳамчунин масъалаҳои сужету композитсия, образу характер, пайванди таърих бо воқеияти рӯз, нақши ровӣ дар баёни ҳаводис, корбурди ривояту афсонаҳо, тасвири урфу таомул, одобу суннатҳои шаҳрнишинӣ, рӯзгордорӣ, боғдорӣ, чорвопарварӣ, иду ҷашнҳо, маросимҳои динию мазҳабӣ ва дигар омилҳои иҷтимоию фарҳангие, ки асли нигоришоти Болта Ортиқовро созмон медиҳанд, ба тадқиқталаб будани осори гаронмояи ин қаламкаш ишора мекунанд.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. Абдуҷабборов, Т. Ортиқов Болта //Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд / Т. Абдуҷабборов. –Душанбе: Сарредаксияи Энсиклопедияи Советии Тоҷик. 1984. - 634 с.–С.374. - 5ҷ.
2. Адабиёти советӣ барои кӯдакон, ҷилдҳои 1 — 2, Д., 1988—1989;
3. Айтматов Ч. Точка присоединения //Вопросы литературы.- 1976.- №8. 2.
4. Амонов Р., Адабиёти бачагона. Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷ. 6, кит. 1, Д., 1982;
5. Амонов, Р. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо. Иборат аз VI. Ҷилди VI. Қисми I / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1982. – 348 с.
6. Бақозода, Ҷ. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 144 с.
7. Бақозода, Ҷ. Нависанда ва идеали замон / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.
8. БобокалоноваҶ., М. Миршакар — шоири бачагон, Д., 1972; ҳамон муалл., Маводҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик, Д., 1975;
9. Брагинский И.С. От Авесты до Айни: (Исследование по истории таджикской лите ратуры). –Душанбе: Ирфон, 1981.- 256 с.
10. Набиев, А. Ортиқов Болта //Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд / А Набиев.–Душанбе: Сарредаксияи Энсиклопедияи Советии Тоҷик, 1989. -560 с. Ҷ.2.–С.511-512.